Мисоли касе, ки Парвардигорашро ёд мекунад ва касе, ки Парвардигорашро ёд намекунад, мисоли зинда ва мурда аст

Аз Абумусо (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Мисоли касе, ки Парвардигорашро ёд мекунад ва касе, ки Парвардигорашро ёд намекунад, мисоли зинда ва мурда аст". Ва дар ривояти Муслим омадааст: "Мисоли хонае, ки дар он Худованд ёд карда мешавад ва хонае, ки дар он Худованд ёд карда намешавад, мисоли зинда ва мурда аст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фарқ миёни касе, ки Худоро ёд мекунад ва касе, ки ёд намекунад, баён кардаанд, ки мисли фарқ байни зинда ва мурда аст. Касе, ки Худовандро ёд мекунад, мисли зиндаест, ки зоҳираш бо нури ҳаёт ороста аст ва ботинаш бо нури маърифат равшан ва дар ӯ нафъ ҳаст. Аммо касе, ки Худоро ёд намекунад, мисли мурдаест, ки зоҳираш аз кор афтода ва ботинаш беарзиш аст ва нафъе дар ӯ нест. Ҳамчунин хона низ бо ҳаёт тавсиф мешавад агар сокинонаш Худоро ёд кунанд, вагарна он хона мурда шуморида мешавад, зеро сокинонаш аз зикри Худованд ғофиланд. Ҳангоме ки "зинда" ё "мурда" ба хона нисбат дода мешавад, дар асл манзур сокинони он хона мебошанд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4177